*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.*

## ТАҚРИЗ

***ба автореферати диссертатсияи Хушвахтзода Дилшод Сангалӣ дар мавзуи "Такмили механизми молиявии идоракунии таваррум дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)", ки барои барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст.***

Имрӯзҳо дар заминаи ҷаҳонишавӣ ва бухронҳои пайвастаи геосиёсиву молиявӣ, устувор нигоҳ доштани нархҳо аз ҳарвақта бештар аҳаммият пайдо кардааст. Ин вазъият тақозо мекунад, ки механизмҳои молиявии танзими таваррум ба куллӣ таҷдиди назар шаванд.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъала аҳаммияти стратегӣ дорад, зеро сатҳи таваррум мустақиман ба қобилияти харидории аҳолӣ ва нишондиҳандаҳои рушди устувори кишвар таъсир мерасонад. Ҳарчанд аз ҷониби давлат чораҳои пулию қарзӣ андӯхта шаванд ҳам, фишори омилҳои беруна ва дохилӣ ба равандҳои таваррумӣ баланд боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, барои пешгирии хатарҳо ҷомеаи илмии кишвар бояд тамоюлҳои муосири таваррумро амиқ омӯхта, механизмҳои кунунии танзимро мунтазам такмил диҳад.

Аз ин мавқеъ, мубрамии мавзуи интихобнамудаи таҳқиқоти Хушвахтзода Дилшод Сангалӣ бебаҳс буда, натиҷаҳои он аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки таваррум дар равандҳои мураккаби робитаҳои молию пулӣ зоҳир мегардад, ки дар натиҷаи он қобилияти харидории истеъсолкунандагон коҳиш меёбад. (саҳ. 9). Аз нигоҳи муаллиф зуҳуроти манфии таваррум ва оқибатҳои таъсири он ба иқтисодиёти кишвар дар монеа ба тамоюли инвеститсионӣ ва ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ, болоравии бефосилаи нархҳо ва истифодаи манфии захираҳо, паст шудани сатҳи боварӣ ба пулӣ миллӣ ва коҳишёбии амонатгузории он, ба вуҷуд омадани табақабандии иҷтимоии аҳолӣ, вусъатёбии пинҳонкунии дороиҳои субъектҳои иқтисодӣ акси худро меёбанд. (саҳ. 11)

Яке аз самтҳои самарабахши идоракунии таваррум ин омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба бартараф намудани оқибатҳои таваррум, мубориза барои таъмини муносибатҳои пулию молӣ ва дигар барномаҳои давлатӣ ба шумор

меравад. Дар ин маврид, таҷрибаи як қатор давлатҳои мутараққии ҷаҳон, ба монанди ИМА, Олмон, Ҷопон, Шветсия, Фаронса, Британияи Кабир, инчунин кишварҳои Иттиҳодияи давлатҳои мустақил, аз ҷумла Россия, Беларус ва Қазоқистон таҳти омӯзиш қарор дода шудааст. (саҳ. 14-16)

Дар автореферат бо далелҳои дақиқи оморӣ арзёбӣ карда мешавад, ки дар натиҷаи ба муомилот баровардани воҳиди нави пули миллӣ “Сомонӣ” меъёри таваррум аз дар сатҳи назаррас қоҳиш дода шудааст. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки амалигардонии тадбирҳои мазкур барои ба таври дуруст идора намудани сатҳи пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ, коҳиш додани оқибатҳои манфии таваррум ва вусъатдиҳии фаъолияти бозорҳои молиявӣ мусоидат менамояд. (саҳ. 19)

Тавассути гузаронидани таҳлили тағйирёбии сатҳи таваррум дар соҳаҳои иқтисодиёти кишвар исбот карда мешавад, ки раванди таваррум дар сатҳи нисбатан муътадил қарор дошта, коҳишёбии нархи ҷаҳонии баъзе аз намудҳои маҳсулоти хуроквbooрӣ, афзудани пешниҳоди маҳсулоти дохилии кишоварзӣ дар робита ба сиёсати монетарии зиддитаваррумӣ идоракунии раванди таъсири омилҳои манфии таваррум коҳиш ёфтаст. (саҳ. 24)

Барои татбиқи сиёсати зиддитаваррумӣ аз ҷониби муаллиф дастгирии давлат, махсусан, ҳавасмандгардонии хоҷагиҳои деҳқонӣ, инчунин истифодабарии фишангҳои таъмини тавозуни пулӣ ва дигар чорабиниҳо пешниҳод карда мешавад, ки дар ҷодаи нигоҳ доштани таваррум ва такмили механизмҳои танзими он натиҷаҳои назаррасро хоҳад дод. (саҳ. 29)

Дар автореферат фишангҳои таъсиррасон ба таваррум пешниҳод карда мешаванд, ки фишангҳои мазкур ҳамчун объекти ояндабинии таваррум ва пешгирии таваррум эътироф карда мешаванд. Дар баробари фишангҳои дар боло зикргардида, ҳамчун фишанги асосии идоракунии раванди таваррум сатҳи меъёри асосии бонкӣ эътироф карда мешавад, ки ҳамчун ҷузъи таркибии такмили механизми молиявии идоракунии таваррум ба шумор меравад. (саҳ. 31)

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Хушвахтзода Д.С. кори мустақилонаи анҷомёфтаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, дорои навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва арзиши амалии назаррас мебошад. Аз ин рӯ, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси дахлдор мебошад.

Бо баробарии ҷанбаҳои мусбат дар автореферата тақризшаванда баъзе камбудиҳоро қайд намудан мумкин аст, аз ҷумла:

1. Дар автореферат таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба танзими равандҳои таваррумӣ таҳти омӯзиш қарор дода шудааст, вале имкониятҳои истифодаи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода нашудааст;

2. Дар ҷадвали 5 автореферат усулҳои ҳисобкунии сатҳи таваррум оварда шудаанд, агар усулҳои мазкур дар асоси нишондиҳандаҳои воқеӣ ҳисоб карда мешуданд, сифати кор боз ҳам баланд мешуд.

Қобили қайд аст, ки эродҳои пешниҳодгардида хислати ҷузъӣ дошта, мазмун ва баҳои воқеии таҳқиқоти диссертатсиониро тағйир намедиҳанд ва ҳамчун тавсия барои таҳқиқотҳои минбаъда ироа шудаанд.

Аз автореферат бармеояд, ки таҳқиқоти диссертатсионии Дилшод Хушвахтзода дар мавзуи “Такмили механизми молиявии идоракунии таваррум дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва тағйироти ба он воридгардида (ҚҲҶТ аз 26.06.2023, №595) тасдиқ шудааст, ба пуррагӣ ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Муқарриз: д.и.и., профессори кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон:** **Маҳмадалӣ Бахтиёр Набӣ**

**Суроға: Вилояти Суғд,**
**шаҳри Бӯстон кӯчаи Баротов, 6.**
**Тел: (+9923451) 5-01-75.**
**Сомона:www.gmit.tj**
**E-mail: gmit_tajikistan@mail.ru**

**Имзои Маҳмадалӣ Б.Н.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДКМТ** **Мӯминова Д.М.**

«____»__________2026 с.